# Агар мардум золимеро бубинанд ва бар зидди ӯ чорае наандешанд (аз зулми ӯ пешгирӣ накунанд) наздик аст, ки Аллоҳ ҳамаашонро дучори муҷозоте аз сӯи Худ кунад

Аз Абубакри Сиддиқ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки фармуд: Эй мардум, ин оятро мехонед: (Эй касоне, ки имон овардаед, муроқиби [имон ва тоати] худ бошед. Агар ҳидоят ёфта бошед, гумроҳии касоне, ки гумроҳ шудаанд, ба шумо зиёне намерасонад.) (Сураи Моида, ояти 105). Ва ман аз Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шунидам, ки мефармуд: "Агар мардум золимеро бубинанд ва бар зидди ӯ чорае наандешанд (аз зулми ӯ пешгирӣ накунанд) наздик аст, ки Аллоҳ ҳамаашонро дучори муҷозоте аз сӯи Худ кунад."

[Саҳеҳ] [رواه أبو داود والترمذي والنسائي في الكبرى وابن ماجه وأحمد]

Абубакри Сиддиқ (разияллоҳу анҳу) хабар медиҳад, ки мардум ин оятро мехонанд: (Эй касоне, ки имон овардаед, муроқиби [имон ва тоати] худ бошед. Агар ҳидоят ёфта бошед, гумроҳии касоне, ки гумроҳ шудаанд, ба шумо зиёне намерасонад.) (Сураи Моида, ояти 105.) Ва аз он чунин мефаҳманд, ки инсон бояд танҳо барои ислоҳи худ талош кунад ва баъд аз он гумроҳии гумроҳон ба ӯ осебе намерасонад ва аз онҳо амри ба маъруф ва наҳй аз мункар матлуб нест! Пас онҳоро фаҳмонид, ки ин тавр нест ва ӯ аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шунидааст, ки мефармуд: Агар мардум золимеро бубинанд ва бо вуҷуди тавоноӣ ӯро аз зулмаш бознадоранд, наздик аст, ки Аллоҳ ҳамаи ононро гирифтори муҷозоти фарогири Худ қарор диҳад. Ин муҷозот шомили ҳам оне, ки муртакиби мункар шудааст ва ҳам он ки дар ин кор хомӯширо ихтиёр кардааст, мегардад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3470